# Тестхо аз фанни сотсиология 400 с. Точики с2023

1.Объекти сотсиология чист?
# Ҷамъият;
# Одам;
# Давлат;
# Институтҳои иҷтимоӣ;
# Равандҳои сиёсӣ;

2.Маънои луғавии сотсиологияро муайян намоед?
# Илм дар бораи ҷомеа;
#Донишҳои гуманитарӣ;
# Илм дар боаи табиат;
# Илм дар бораи ҳастӣ;
# Дониш дар бораи муҳит;

3.Предмети сотсиология чист?
# Сохтори ҷамъият ва унсурҳои асосии он;
# Муносибатхои сиёсӣ;
# Ҳаёти иҷтимоӣ;
#Зуҳуротҳои фарҳангӣ;
#Сатҳи зиндагии аҳолӣ;

4.Кадом мафҳум мавқеи инсонро дар ҷомеа ифода менамояд?
# Мақом (статус);
# Нақш;
# Вазифа;
# Унвон;
# Вазъ ва ҳолат;

5.Рафтореро, ки инсон вобаста ба статус (мақом) -и худ содир менамояд:
# Нақш;
#Статус (мақом);
# Касб;
# Вазифа;
# Унвон;

6.Нишонаҳое, ки тавассути онҳо табақабандии иҷтимоиро муайян мекунанд?
# Маълумот, фарҳанг, касб, нуфуз;
# Сарватҳои моддӣ ва ахлоқӣ;
# Ҳокимият, нуфуз, маълумот, боигарӣ;
# Касб, музди меҳнат, дипломи ихтисос;
# Мошин, хонаи берун аз шахр ва ҳавопаймои шахсӣ;

7.Кадом мутафаккир мафҳуми «табақабандии иҷтимоӣ» ва «ҷойивазкунии иҷтимоӣ» - ро ба илм ворид намудааст?
# П. Сорокин;
# Э. Дюркгейм;
# П. Шозимов;
# Э. Гидденс;
# Ш. Шоис-матуллоев;

8.Дар назарияи типология (навъбандӣ) -и эволютсионии ҷомеа кадом тип (навъ) -ҳои ҷомеа нишон дода шудааст?
# Аграрӣ (кишоварзӣ), индустриалӣ (саноатӣ) ва постиндустриалӣ (баъдисаноатӣ); # Капиталистӣ (сармоядорӣ), индустриалӣ (саноатӣ) ва ҷамоаи ибтидоӣ;
# Сотсиалистӣ (коммунистӣ), феодалӣ (заминдорӣ) ва капиталистӣ (сармоядорӣ);
# Аграрӣ (кишоварзӣ), дунявӣ ва унитарӣ (ягона);
# Федеративӣ, конфедеретавӣ ва унитарӣ (ягона);

9.Муаллифи асари «Ахлоқи протестанӣ ва рӯҳи капитализм»:
# М. Вебер;
# П. Шозимов;
# Э. Дюркгейм;
# В. И. Ленин;
# М. Диноршоев;

10.Кадоме аз нишонаҳои зерин мақом (статус) -и меросӣ ҳисобида мешавад?
# Миллат;
# Оила;
# Касб;
# Волидайн;
# Маҳорат;

11.Сотсиология ҳамчун илм кай ба вуҷуд омад?
# Дар нимаи аввали асри Х1Х;
# Дар давраи атиқа;
# Нимаи дуюми асри XVIII;
# Дар охири асри XX;
#Баъди пошхурии давлати Шӯравӣ;

12Мафҳуми «сотсиология» - ро ки ба илм ворид кард:
# О. Конт;
# К. Маркс;
# М. Вебер; #
 #В. И. Ленин;
# М. Кюри;

13.Асосгузори назарияи «сотсиологияи органикӣ»:
# Г. Спенсер;
# К. Маркс;
# Т. Парсонс;
# Э. Дюркгейм;
# Ф. Энгелс;

14.Кадоме аз ин сотсиологҳои асри Х1Х инкишофи ҷамъиятро ҳамчун ивазшавии форматсияҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ маънидод намудааст?
# К. Маркс;
# М. Вебер;
# Э. Дюркгейм;
# О. Конт;
# Т. Парсонс;

15.Равияе, ки ҷамъиятро дар асоси мушоҳида, қиёс ва эсперемент таҳлили ратсионалӣ (ақлонӣ) - мекунад:

# Позитивизм;
# Методология;
# Феноменология;
# Археология;
# Философия;

16.Намудҳои оила:
# Нуклеарӣ ва васеъ;
# Хурд ва бузург;
# Пӯшида ва кушода;
# Замонавӣ ва анъанавӣ;
# Сарватманд ва қашшоқ;

17.Ҷамъбасти таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар кадом ҳуҷҷат ифодаи худро меёбанд?
# Ҳисобот;
# Презентатсия;
# Монография;
# Мақола;
#SMS-хабарҳо;

18.Мақсад аз гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ:
# Ба даст овардани маълумот;
# Муошират бо одамон;
#Пул кор кардан;
# Навиштани ҳисобот;
# Дисфунксияи институт;

19.Вазифаҳои оиларо номбар намоед?
# Эмотсионалӣ, репродуктивӣ (такрористеҳсолкунии насл), иҷтимоикунонӣ, иқтисодӣ;
# Наҳори тайёр кардан, ба мағоза рафтан, ба фарзанди худ таълим додан;
# Тарбияи насли наврас, қонеъ намудани талаботҳои биологӣ ва моддӣ, харидани мол ва хона;
# Нигоҳубини насли кӯҳансол, худтарбиянамоӣ;
# Муносибатҳои ҳамсоядорӣ, иштирок кардан дар фаъолияти ҷамъиятӣ

20.Асосгузори назарияи «аномия» дар сотсиология:
# Э. Дюркгейм;
# О. Конт;
# Ситсерон;
# К. Маркс;
# П. Сорокин;

21.Муаллифи асари «Худкушӣ»:
# Э. Дюркгейм;
# Г. Маркузе;
# С. Хантингтон;
# Х. Идиев;
# Ф. Фукуяма;

22.Ки асосгузори фаҳмиши материалистии таърих буд?
# К. Маркс;
# М. Вебер;
# О. Конт;

# Ф. Нитсше;
# Ш. Шоисматуллоев;

23.Дар тадқиқи кадом масъалаҳои иҷтимоӣ П. Сорокин саҳми худро гузоштааст?
# Назарияи табақабандии иҷтимоӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоӣ;
# Назарияи сотсиал – дарвинизм ва коммунизми илмӣ;
# Назарияи аномияи иҷтимоӣ;
# Назарияи сотсиологияи органикӣ ва натурфалсафа;
# Назарияи шиддати сохторӣ ва интераксионализми рамзӣ;

24.Сабаби бо суръати паст ташаккул ёфтани раванди глобализатсионӣ дар асри XX:
# Ба ду лагер тақсим шудани ҷаҳон: сотсиалистӣ ва капиталистӣ;
# Набудани шабакаи ягонаи итилооти умумиҷаҳонӣ - Internet;
# Набудани телефонҳои мобилӣ;
# Нарҳои баланди чиптаҳои ҳавопаймо;
# Ташкил шудани Иттиҳоди Аврупо;

25.Институткунонии сотсиология дар давраи Шуравӣ аз кадом сол шурӯъ мегардад?
# Аз солҳои 60-ми асри XX;
# Солҳои 20-уми асри XX;
# Дар солҳои 40-уми асри XX;
# Дар оғози асри XXI;
# Дар асри XIX-ум;

26.Кадом саволҳоро ба мусоҳиб додан мумкин нест?
# Дар бораи ҷинс;
# Дар бораи ҷои кор;
# Дар бораи вазъи оилавӣ;
# Дар бораи даромад;
# Ҳама саволҳоро дода мумкин;
27..Намудҳои идеология - ин:
# Консерватизм, либерализм либерализм, миллатгароӣ (натсионализм), сотсиализм ва коммунитаризм;
# Бюрократия, автократия, технократия, теократия ва либерализм
# Капитализм, демократия, анъанагароӣ, ҳуввияти миллӣ; # Иқтисоди бозоргонӣ, сиёсати дарҳои кушода, модернизатсия, глобализатсия; # Импичмент, инқилоб ва таҳаввулот;

28.Намудҳои ташкилотҳои иҷтимоӣ:
# Расмӣ ва ғайрирасмӣ;
# Дараҷаи паст, миёна ва баланд;
# Аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа;
# Болоӣ ва поёнӣ;
# Динӣ ва дунявӣ;

29..Аз ҷониби фард омӯзиши қонунҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои ҳаёти иҷтимоиро:
# Иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) меноманд;
# Мутобиқшавӣ (адаптатсия) меноманд;
# Каҷрафторӣ (девиатсия) меноманд;
# Саноатикунонӣ (индустриализатсия) меноманд;
# Ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) меноманд;

30..Г. Спенсер асосгузори назарияи:
# Назарияи органикӣ мебошад;

# Назарияи аномия мебошад;
# Назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад;
# Интихоби иҷтимоӣ мебошад;
# Статика ва динамикаи иҷтимоӣ мебошад;

31..Муаллифи асари «Курси фалсафаи позитивистӣ»:
#  О. Конт;
# Б. Андерсон;
# Ф. Энгелс;
# К. Маркс;
# М. Диноршоев;

32.Шуури ҳуқуқӣ ин:
#  Ҷузъи таркибии шуури ҷамъиятӣ буда, аз маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ иборат аст;
# Шуури динӣ буда, аз маҷмӯи донишҳои фалсафӣ иборат аст;
# Ҷӯзъи таркибии шуури ҷамъиятӣ буда, аз маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ- сиёсӣ иборат мебошад;
#  Шуури ҷамъиятӣ буда, аз маҷмӯи донишҳои сотсиологӣ иборат мебошад;
# Шуури ҷамъиятӣ мебошад;

33.К. Маркс дар кадом асос ҷомеаро ба форматсияҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ тақсим намудааст?
# Воситаҳои истеҳсолот;
# Сатҳи инкишофи техника ва технология;
#  Инкишофи маданият ва илм;
#  Инкишофи низоми коммуникатсионӣ;
# Ташаккули ҳуввияти миллӣ;

34..Ҷамъият – ин низоми:
#  Том ва худинкишофёбанда мебошад;
# Табиӣ мебошад;
# Илмӣ ва фалсафӣ мебошад;
# Сиёсӣ мебошад;
# Ин низоми шартномавӣ мебошад;

35..Хусусиятҳои асосии гурӯҳҳои аввалиндараҷа:
#  Алоқаҳои наздики эмотсионалӣ;
# Роҳбари умумӣ;
# Муайян будани мавқеъ ва нақшҳо;
# Тақсимоти неъматҳои моддӣ байни аъзоёни гурӯҳ;
# Мақсади умумӣ надоранд;

36..Оила ба кадом гурӯҳи иҷтимоӣ дохил мешавад?
 # Аввалиндараҷа;
#  Дуюмдараҷа;
#  Ба ягон гурӯҳ таaллуқ надорад;
# Ба гурӯҳи дохилӣ;
#  Ба гурӯҳи беруна;

37..Маълумоти олӣ ба кадом институти иҷтимоӣ тааллуқ дорад?
#  Институти маориф ва илм;
# Институти иқтисодӣ;
#  Институти дин;

# Институти сиёсӣ;
# Институти ҳуқуқ;

38..Табақабандии иҷтимоӣ- ин:
# Ба табақаҳо ҷудо гардидани одамон ва гурӯҳҳо;
# Тақсим намудани одамон дар ҳудудҳо;
# Фарқияти байни одамон;
# Нобаробарии байни институтҳо ва ташкилотҳои иҷтимоӣ;
# Тақсимоти давлатҳо ба сарватманду қашшоқ;

39..Маънои мафҳуми «стратификатсия» -ро муайян намоед?
# Табақабандӣ;
# Гурӯҳбандӣ;
# Шаклҳои давлатдорӣ;
# Нажод;
# Таснифот;

40..Асосҳои этникии нобаробарии иҷтимоӣ:
# Миллатгароӣ (натсионализм);
# Дискриминатсия;
# Саноатикунонӣ (Индустриализм);
# Фашизм;
# Капитализм;

41..Мафҳуми «мушоҳида» дар сотсиология – ин:
# Қайди бевоситаи воқеаҳо
# Амали иҷтимоӣ
# Гуфтугӯи мустақим;
# Истифодаи телефонҳои мобилӣ;
# Тадқиқотҳои ба нақша гирифташуда;

42.Муаллифи асари «Комитет-300»:
# Ҷон Колиман;
# С. Хантингтон;
# О. Шпенглер;
# Э. Тоффлер;
# Э. Гидденс;

43.Нахустин шуда, мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» - ро истифода бурд:
# Лоренс фон Штейн;
# Лоренс дон Хот;
# К. Маркс;
# флотун;
# Люис фон Ванштайнер;

44.Гендер – ин:
# Маҷмӯи хусусиятҳои иҷтимоии рафтору амали мардон ва занон;
# Баробарҳуқуқии мардон ва занон;
# Хусусиятҳои иҷтимоии баробарҳуқуқии мардон ва занон;
# Баробарии зану мард;
# Нобаробарии зану мард;

45..Вазифаҳои асосии институтҳои иҷтимои - ин:

# Қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ва таъмин намудани устувории ҷомеа; Қонеъ гардондани талаботҳои маънавӣ ва таъмин намудани устувории дин;
# Қонеъ гардонидани талаботҳои ҷисмонӣ ва таъмин намудани устувории оила;
# Қонеъ гардондани талаботҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ;
# Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;

46..Нишонаҳои асосии пайдоиши синфҳо аз нигоҳи К. Маркс:
# Муносибат ба воситаҳои истеҳсолот;
# Боигарии моддӣ ва манавӣ;
# Хусусиятҳои меҳнат;
# Сатҳи маданият;
# Сатҳи маълумот;

47..Мафҳуми «Идеология» - ро ба илм ворид намуд:
# Д. Траси;
# Ф. Тённис;
# П. Сорокин;
# Д. Белл;
# О. Шпенглер;

48..Маънои истилоҳи «этнос»
# Халқ;
# Оила;
# Қабила;
# Одам;
# Миллат;

49..Зери мафҳуми «урбанизатсия» фаҳмида мешавад:
# Аз деҳот ба шаҳр кӯчидан;
# Аз шаҳр ба деҳот кӯчидан;
# Гардиши одамон дар як минтақа;
# Одамони муқими як шаҳр;
# Ақаллияти миллӣ;

50..Мафҳуми «фард» чиро ифода менамояд?
# Инсони танҳо;
# Гурӯҳи одамон;
# Шахси эъҷодкор;
#) Сифатҳои иҷтимоӣ;
# Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

51..Шахс - ин:

# Сифатҳои иҷтимоии инсон мебошад;
# Одами бузург мебошад;
# Фарди алоҳида мебошад;
# Хусусияти умумии биологӣ мебошад;
# Одами кордон мебошад;

52..Методҳои асосии ҷамъоварии ахбори сотсиологӣ:
# Пурсиш, тахлили хуҷҷатҳо, мушоҳида ва эксперимент (озмоиш);

#  Сӯҳбат, қиёс, фокус-гурӯҳ ва таҳлили миқдорӣ;
# Дедуксия, индуксия, таҳлил, эксперемент (озмоиш) ва синтез;
#  Методи муқоисавӣ- таърихӣ, таҳлил ва мушоҳида;
#  Анкета, дедуксия, синтез, фокус- гурӯҳ ва ѓайра;

53..Методҳои тадқиқоти сотсиологиро ҷудо менамоянд ба:
#  Миқдорӣ ва сифатӣ; В) Сифатӣ ва шуморавӣ;
#  Ѓайрисифатӣ ва миқдорӣ;
#  Назариявӣ ва амалӣ;
#  Бисёрдараҷа ва яклухт;
54..Мувофиқи кадом консепсия асоси шахсиятро худшиносӣ ташкил медиҳад?
#  Мани оинагӣ;
# Нақшӣ;
#  Ҷомеаи баъдисаноатӣ;
# Ҷомеаи истеъмолӣ;
#  Фардгароии иҷтимоӣ;

55..Одам ҳамчун шахс:
#  Ташаккул меёбад;
#  Таваллуд мешавад;
#  Мукофотонида мешавад;
# Таъин мешавад;
#  Интихоб мегардад;

56..Каҷрафтори иҷтимоӣ чист?
#  Баромадан аз меъёрҳои гурӯҳӣ;
#  Рафтори ҷинояткорона;
#  Тобеъ шудан ба коидаҳои мақбули умум;
#  Рафтори конформистӣ;
#  Рафтори идеалӣ ва тобеъ шудан ба коидаҳои мақбули умум;

57..Назорати иҷтимоӣ - ин:
#  Назорат намудани амалу рафтори аъзоёни ҷомеа;
#  Кӯшиши аъзоёни ҷомеа барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ;
#  Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ;
#  Назорати фаъолияти раисони маҳалла;
#  Корҳои тарбиявӣ бо донишҷӯён;

58..Тадқиқоти сотсиологӣ – ин:
#  Омӯхтан ва дарёфти роҳҳои ҳал намудани масъалаҳои пайдошудаи иҷтимоӣ тавассути методҳои мушаххаси сотсиологӣ;
#  Ба даст овардани иттилоот дар бораи беқурбшавии асъор тавассути методҳои мушаххаси сотсиологӣ;
#  Ба даст овардани иттилоот дар бораи одами мушаххас;
# Тартиб додани анкетаи тадқиқотӣ;
#  Пурсиши аҳолӣ тавассути методҳои мушаххаси сотсиологӣ;

59..Шахсеро, ки дар тадқиқоти сотсиологӣ иштирок намуда, ҳамчун манбаи иттилоот баромад менамояд – ин:
 #  Мусоҳиб (респондент);
#  Саволдиҳанда (Интервюер);
#  Сотсиолог;
#  Маркетолог;

# Таҳлилгар;

60..Методи нисбатан маъмули ҷамъоварии ахбори сотсиологӣ:
# Анкета;
# Эксперимент (озмоиш);
# Мушоҳида;
# Мусоҳиба;
# Сотсиометрия;

61..Ҳолатҳои истифодаи анкетаи сотсиологӣ:
# Вуҷуд надоштан маълумоти кофӣ оиди объекти омӯхташаванда;
# Зиёд будани маълумоти иҷтимоӣ ва набудани маблағ;
# Пас аз гузаронидани мусоҳиба (интервю) - и сотсиологӣ;
# Ҳангоми навиштани ҳисобот;
# Пас аз гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ;

62..Шахсеро, ки дар тадқиқотҳои сотсиологӣ - маркетингӣ иштирок намуда, ахборро ҷамъ менамояд:
# Саволдиҳанда (Интервюер);
# Сотсиолог;
# Таҳлилгар;
# Маркетолог;
# Мусоҳиб (респондент);

63..Ҳангоме, ки духтурба берун аз кишвар барои ба даст овардани маблағ муҳоҷир мешавад, кадом навъи ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳисоб меёбад?
# Ҷойивазкунии амудӣ (вертикалӣ);
# Ҷойивазкунии уфуқӣ (горизонталӣ);
# Ҷойивазкунии байнинаслӣ;
# Ҷойвазкунии вертикалӣ (амудӣ) -и дохилинаслӣ;
# Ҷойивазкунӣ шуда нметавонад;

64..Институтҳои асосии ҷомеа инҳоянд:
# Оила, маориф, илм, ВАО, сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва дин;
# Институти молия ва қарз;
# Ахлоқ, варзиш, тандурустӣ, маориф, илм ва ВАО;
# Сервис (хизматрасонӣ), ахлоқ, ВАО, ҳуқуқ, сиёсат, донишгоҳ ва дин;
# Таълимот ва санъат;

65..К. Маркс ҷамъиятро ба кадом форматсияҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ҷудо намудааст?
# Ҷамоаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, сармоядорӣ (капиталистӣ) ва сотсиалистӣ;
# Аввалиндараҷа, инкишофёфта, муосир, саноатӣ ва баъдисаноатӣ;
# Истеъмолкунанда, глобалӣ ва шаҳрвандӣ;
# Анъанавӣ, муосир, тоталитарӣ ва авторитарӣ;
# Ибтидоӣ, ғуломдорӣ, сармоядорӣ (капиталистӣ), баъдисаноатӣ;

66..Вазифаҳои асосии илми сотсиология?
# Маърифатӣ, идоракунӣ, ояндабинӣ, идеологӣ, гуманистӣ ва тарбиявӣ;
# Танзимеамоӣ, назораткунӣ, муттаҳидсозӣ;
# Таъмин намудани бехатарии аҳолӣ;
# Гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ;
# Маърифатӣ, тадқиқотӣ ва технологӣ;

67..Роҳҳои ҳалли низоъи иҷтимоӣ?
# Компромисс, истифодаи миёнарав, гурехтан аз низоъ, бо роҳи судӣ ва музокирот;
# Гурехтан аз низоъ, истифодаи миёнарав, музокирот ва дӯстӣ;
# Конформизм, зорӣ намудан, компромис, музокирот ва дӯстӣ;
# Бо роҳи ҷанг;
# Харидани шахсони мансабдор, гурехтан аз низоъ ва иваз кардани ҷои зист;

68..Намояндаи назарияи низоъи иҷтимоӣ:
# Р. Дарендорф;
# П. Сорокин;
# Т. Парсон;
# Э. Дюркгейм;
# М. Вебер;

69..Кашфиётҳои илмӣ - техникӣ ва ихтироот дар кадом навъи ҷомеа бештар ба мушоҳида мерасад?
# Дар ҷомеаи саноатӣ;
# Дар ҷомеаи феодалӣ;
# Дар ҷомеаи аграрӣ;
# Дар ҷомеаи анъанавӣ;
# Дар ҷомеаи ѓуломдорӣ;

70..Асосгузори назарияи биологии «каҷрафтории иҷтимоӣ»:
# Ч. Ломброзо;
# Э. Дюркгейм;
# Р. Дарендорф;
# З. Фрейд;
# Б. Миллер;

71..Муттафаккире, ки дар асри XIX «симои ҷинояткор» - ро тасвир намудааст:
# Ч. Ломброзо;
# Рафаэлло;
# Леонардо Де Винчи;
# К. Маркс;
# В.Паретто;

72..Намудҳои ҷойивазкунии иҷтимоиро муайян намоед?
# Горизонтали (уфуқӣ) ва вертикалӣ (амудӣ);
# Гурӯҳӣ ва кӯчагӣ;
# Дохилӣ ва берунӣ;
# Локалӣ ва глобалӣ;
# Байналмиллалӣ ва дохилинаслӣ;

73Институтҳои сотсиализатсияро номбар намоед?
# Оила, маориф, дин, ВАО ва ѓ;
# Институтҳои иҷтимоӣ, ҷамъият, муносибатҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ;
# Институтҳои илм, иқтисод, сервис, табиат, ҷамъият, фалсафа;
# Рафиқон ва аъзоёни ҳакамон;
# Ҳамҷинсон ва ҳамсолон;

74.Никоҳи як мард бо ду ва зиёда зан ба чи гуна намудҳои никоҳ дохил мешавад?
# Полигамия;

# Полиандрия;
# Политеизм;
# Моногамия;
# Гурӯҳӣ;

75.Назарияҳои каҷрафториҳои иҷтимоиро номбар намоед?
# Назарияи биологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ: стигматизатсия, аномия, гузариши фарҳангӣ ва низоъ;
# Назарияи иҷтимоии «Ман» -и олӣ, «Ман» -и оинагӣ, аномия, гузариши фарҳангӣ ва низоъ;
# Назарияи синфи миёна, синфи поёнӣ, аномия, гузариши фарҳангӣ ва низоъ;
# Назарияи биологӣ ва психологӣ;
# Танҳо назарияи иҷтимоӣ;

76.Вазифаи институти маориф ва илмро нишон диҳед?
# Интиқоли дониш ва сотсиализатсияи насли наврас;
# Интиқоли анъана, омӯзиши малакаҳои автомобилронӣ;
# Илмӣ- таҳқиқотӣ, эмоционалӣ, назоратӣ;
# Тарбияи насли наврас, репродуктивӣ ва иқтисодӣ;
# Мутаҳидсозанда, дурнамоӣ ва назариявӣ;

77.Афкори иҷтимоӣ аз нигоҳи Афлотун?
# Афкори шаҳрвандон;
# Афкори аристократҳо;
# Афкори мутафаккирон;
# Афкори омма;
# Афкори коргарон;

78.Мазҳаби католикӣ шохаи кадом дин аст?
# Масеҳия;
# Шаманизм;
# Будоия;
# Ислом;
# Зардуштия.

79.Сотсиализатсия (иҷтимоишавӣ) чист?
# Омӯзиши қонун ва меъёрҳои иҷтимоӣ;
# Омӯзиши қоидаҳои грамматика;
# Омӯзиши қоидаҳои ҳаракати роҳ;
# Аз худ кардани малакаи корӣ;
# Маълумот гирифтан аз Интернет;

80.Намудҳои низои (моҷарои) иҷтимоӣ:
# Гурӯҳӣ, синфӣ, байнишахсӣ, байни давлатҳо;
# Низои меҳнатӣ, байни табақавӣ, дӯстон ва оилаҳо;
# Коллективӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, байнишахсӣ ва ҷамъиятӣ;
# Байнишахсӣ, корӣ, байни табақаҳои иҷтимоӣ, байналхалқӣ, низои байни сохтории иҷтимоӣ;
# Байни гурӯҳҳо, байни кланҳо ва нажодҳо;

81.Кафедраи сотсиология дар ҶТ кадом сол ва дар куҷо ташкил шуд?
# Соли 2005 дар ДДМТ;
# Соли 1999 дар ТСУ;
# Соли 1948 дар ДМТ ба номи В. И. Ленин;

# Соли 2000 дар Донишгоҳи Қурѓонтеппа ба номи Н. Хисрав;
# Соли 2006 дар Донишгоҳи шаҳри Хўҷанд;

82.Кадоме аз мутафаккирони тоҷик асари «Тоҷикистон дар оинаи меросият ва ивазшавии наслҳо» -ро навиштааст?
# Ш. Шоисматуллоев;
# Р. Диноршоев;
# Х. Идиев;
# Б. Ѓафуров;
# С. Айнӣ;

83.Модернизатсия –ин:
# Раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи саноатӣ;
# Раванди гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи анъанавӣ;
# Аз алифбои лотинӣ ба алифбои кирилликӣ гузаштан;
# Шикаст хурдани Иттифоки Шуравӣ;
# Пайдошудани шабакаи иттилооти умумиҷаҳонӣ (Internet);

84.Агар дар анкета саволҳои нишондодашуда вариантҳои ҷавоб вуҷуд надошта бошад, пас ин гуна савол:
# Кушода аст;
# Нодуруст аст;
# Пўшида аст;
# Нипўшида аст;
# Сохторӣ аст;

85.Навъҳои никоҳ кадомҳоянд?
# Моногамия, полигмия, полиандрия ва никоҳи гурўҳӣ;
# Патриархалӣ, никоҳи эдогамия ва никоҳи манфиатнок;
# Матриархалӣ, патриархалӣ ва неолокалӣ;
# Васеъ, нуклеарӣ, полиандрия, никоҳи гурўҳӣ ва патрилокалӣ;
# Муосир, эгалитарӣ ва детосенриалӣ;

86 Агар дар саволҳои анкета вариантҳои ҷавоб нишон дода шуда бошад, пас ин чи гуна савол аст?
# Пўшида;
# Кушода;
# Оддӣ;
# Мураккаб;
# Нимкушода;

87.Парадигмаи детерменизми иҷтимоӣ-таърихиро кадоме аз мутафаккири зерин кор карда баромадааст?
# К. Маркс;
# Р. Дарендорф;
# Л. Козер;
# Г. Спенсер;
# О. Конт;

88.Парадигмаи таҳлили сохторӣ - функсионалиро кадоме аз мутафаккирони зерин асос гузоштаанд?
# Т. Парсонс ва Р. Мертон;
# Р. Дарендорф ва Ч. Лоброзо;

# Б. Миллер ва Р. Мертон;
# Э. Дюркгейм ва Б. Миллер;
# З. Фрейд ва Э. Дюркгейм;

89.Парадигмаи бихевиоризмиичтимоӣ ба номи кадоме аз ин мутафаккирон марбут аст?
# Б. Скиннер;
# Э. Дюркгейм;
# К. Маркс;
# Т. Парсонс;
# Ч. Лоброзо;

90.О. Конт ҳамаи илмҳоро дар шакли аҳром ба як низом дохил намудааст. Дар қуллаи ин аҳром кадом илм мавқеи устувор дорад?
# Сотсиология;
# Арифметика;
# Астрономия;
# Физика;
# Биология;

91.Предмети омўзиши илми сотсиология аз нуқтаи назари Э. Дюркгейм?
# Далелҳои иҷтимоӣ;
# Умумиятҳои иҷтимоӣ;
# Ҷомеа;
# Шуури коллективӣ;
# Институтҳои иҷтимоӣ;

92.Ба фикри Э. Дюркгейм ҷамъият дар раванди тараққиёти худ чанд марҳиларо аз сар мегузаронад?
# Ҳамфикрии механикӣ ва ҳамфикрии органикӣ;
# Саноатӣ ва баъдисаноатӣ;
# Кишоварзӣ ва саноатӣ;
# Ѓуломдорӣ ва феодалӣ;
# Аграрӣ ва тамаддунӣ;

93.Мафҳумҳои «табақабандии иҷтимоӣ» ва «ҷойивазкунии иҷтимоӣ» -ро кадом мутафаккир дар илм ҷорӣ кардааст?
# П. Сорокин;
# Э. Дюркгейм;
# М. Вебер;
# К. Маркс;
# Т. Парсонс;

94.Назарияи «сотсиологии амал» -ро кадом сотсиологи маъруфи амрикоӣ кор карда баровварда шудааст?
# М. Вебер;
# Т. Парсонс;
# П. Сорокин;
# Э. Дюркгейм;
# Ҷ. Хоманс;

95.К. Поппер кадом навъҳои ҷамъиятро номбар намудааст?
# Пўшида ва кушода;
# Сарбаста ва кушода;

# Аграрӣ ва саноатӣ;
# Оддӣ ва мураккаб;
# Варварӣ ва тамаддунӣ;

96.Мафҳуми «алоқаҳои иҷтимоӣ» -ро кадом муттафаккир ба илми сотсиология ворид намудааст?
# Э. Дюркгейм;
# Ч. Лоброзо;
# Б. Миллер;
# Р. Дарендорф;
# Т. Парсонс;

97.Меъёрҳоро ба чунин шаклҳо ҷудо мекунанд?
# Анъана, урфу одатҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ; ва ғайраҳо;
# Меъёрҳои оилавӣ, институтикунонии марказҳои динӣ, институтҳои фарҳангӣ; меъёрҳои никоҳӣ
# Анъана, урфу одатҳо, динҳо ва сиёсатмадорҳои ҷаҳонӣ;
# Институтҳо ва ташкилотҳои иҷтимоӣ, қонунҳои Маҷлиси Олӣ;
# Фармонҳо, қарорҳо, амру фармонҳо, низомномаҳо ва қонунҳои динӣ;

98.Якумин шуда ҷамъиятро ба синфҳо олими иқтисодшиноси англис Адам Смит ҷудо намудааст. Ӯ кадом синфҳоро номбар менамояд?
# Заминдорон, капиталистон ва истеъмолкунандагон;
# Элита ва камбизоатон;
# Кишоварзон, чорводорон ва ҳунармандон;
# Ҳокимон, ҷанговарон ва тоҷирон;
# Сармоядорон, сиёсатмадорон ва диндорон;

99.Ба андешаи Р. Дарендорф кадом омилҳои асосӣ низои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад?
# Омилҳои сиёсӣ;
# Омилҳои фарҳангӣ;
# Омилҳои динӣ;
# Омилҳои иқтисодӣ;
# Омилҳои этникӣ;

100 Гурӯҳи иҷтимоӣ чист?
# Маҷмӯи одамоне, ки дар асоси мақсаду манфиатҳои умумӣ ва фаъолияти муштарак муттаҳид шудаанд;
# Маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар муддати дурударози таърихӣ ташаккул ёфтаанд;
# Синфҳои иҷтимоӣ;
# Коллективи одамоне, ки мақсаду манфиатҳои умумӣ надоранд ва ба таври стихиявӣ муттаҳид шудаанд;
# Маҷмӯи одамоне, ки дар асоси кори умумӣ муттаҳид шудаанд;

101.Кадоме аз гурӯҳҳои дар поён овардашударо метавон ба гурӯҳҳои бузурги иҷтимоӣ ворид намуд?
# Синфҳо, табақаҳо, ташкилотҳо, гурӯҳҳои этникӣ, гурӯҳҳои касбӣ ва ғ.;
# Доираи дӯстон, рафиқон, ҳамсинфон, ҳамкорон ва ғ.;
# Оила, коллективи меҳнатӣ, дастаи варзишӣ ва ғ.;
# Харидорон, роҳгузарон, мизоҷон ва ғ.;
# Ҳамсолон, ҳамдинон, институтҳои иҷтимоӣ ва ғ.;

102 Ба гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ кадом хусусиятҳо хос аст?

# Муносибатҳои манфиатнок, расмӣ ва боэътимод;
# Муносибатҳои мутақобила, расмӣ ва саммимона;
# Дӯстию рафоқат, манфиатҷӯӣ ва робитаҳои ноустувор;
# Муносибатҳои наздик, ғайрирасмӣ ва боэътимод;
# Муносибатҳои кӯр-кӯрона, эҳтимолӣ ва муваққатӣ;

103.Гурӯҳҳои хурд аз чанд нафар иборат аст?
#Аз 2 то 10-15;
# Аз 10 то 50;
# Аз 2 то 60;
# Аз 1 то 8-10;
# Аз 23 то 25;

104.Кадоме аз гурӯҳҳои дар поён овардашударо метавон ба гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ворид намуд?
# Оила, дӯстон, дастаҳои варзишӣ, коллективҳои хурди ҳамкорон ва диг.;
# Синфҳо, табақаҳо, ташкилотҳо гурӯҳҳои этникӣ, гурӯҳҳои касбӣ ва ғ.;
# Харидорон, роҳгузарон, мизоҷон ва диг.;
# Кӯдакон, хонандагон, иштирокчиёни конфронси илмӣ ва диг.;
# Ҳамсафарон, кормандони ширкати тиҷоратӣ, аъзоёни дастаҳои ҷинояткор;

105.Мафҳуми «гурӯҳи аввалиндараҷа» -ро ки ба илм ворид кардааст?
# Ч. Кулли;
# К. Маркс;
# М. Вебер;
# Ф. Нитсше;
# П. Сорокин;

106 Институти иҷтимоӣ чист?
# Маҷмӯи рамзҳо, бовариҳо, эътимод, арзишу меъёрҳо, мавқеъ ва нақшҳои иҷтимоии устувор ва муттаҳидсозандае, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро идора менамоянд;
# Маҷмӯи ташкилотҳои иҷтимоие, ки соҳаҳои тахассусгардонидашудаи ҷамъиятиро танзим менамоянд;
# Мактабҳои олӣ, ба донишҷӯён касбҳои гуногунро меомӯзонанд;
# Институти оила, маориф, дин, сиёсат ва ғ.
# Маҷмӯи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро идора менамоянд;

107.Вазифаи такрористеҳсолнамоии ҳаётро кадом институти иҷтимоӣ ба анҷом мерасонад?
# Институти оила ва никоҳ;
# Ҳуқуқ ва сиёсат;
# Тандурустӣ;
# Илм ва санъат;
# Маориф ва дин;

108.Талаботҳои моддии шаҳрвандонро кадом институти иҷтимоӣ қонеъ мегардонад?
# Иқтисод ва истеҳсолот;
# Маориф ва дин;
# Ҳуқуқ ва сиёсат;
# Хизматрасонӣ;
# Институти оила ва никоҳ;

109.Кадоме аз ин донишмандони номбаршуда ба мафҳуми «институти иҷтимоӣ» бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст?

# Т. Веблен;
# К. Маркс;
# Ҷ. Локк;
# Р. Мертон;
# Т. Парсонс;

110.Кадоме аз таърифҳои зерин мафҳуми «сохтори иҷтимоии ҷомеаро» пурра кушода медиҳад?
# Маҷмӯи умумиятҳои нисбатан устувори одамон, тартиби муайяни алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи байни онҳо;
# Маҷмӯи умумиятҳои нисбатан устувори коллективи меҳнатӣ ва таъсири мутақобилаи байни онҳо оилаҳо;
# Маҷмӯи умумиятҳои ноустувори одамон, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро идора менамоянд;
# Маҷмӯи синфҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ бо тамоми рангорангиҳои зуҳуроташон;
# Унсурҳои иқтисодии сохтори ҷамъият;

111.Се давраи рушди таърихии нишондодаи О. Контро номбар кунед.
# Теологӣ, метафизикӣ, позитивистӣ;
# Глобализатсия, модернизатсия, индустриализатсия;
# Иҷтимоишавӣ, мутобиқшави ва ресотсиализатсия;
# Реформатсия, револютсия ва постмодернизм;
# Эҳёи Аҷам, давраи эҳё ва нав;

112.Синф чист?
# Гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, ки вобаста муносибаташон ба воситаҳои истеҳсолӣ тахассусгардонида шудаанд;
# Коллективҳои иҷтимоие, ки барои расидан барои кадом як мақсад бо ҳам мубориза мебаранд;
# Гурӯҳҳои аввалиндараҷаи иҷтимоӣ, ки муносибатҳои наздики боэътимод доранд;
# Гурӯҳҳо референтӣ, ки ба шароитҳои тағйирёбандаи иҷтимоӣ мутобиқшаванда нестанд;
# Гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ, ки вобаста аз рӯи манфиатҳои муштараки иҷтимоӣ - сиёсӣ аз ҳам тафовут доранд;

113.К. Маркс синфҳоро ба кадом намудҳо ҷудо менамояд?
# Синфҳои истисморкунанда ва истисморшаванда;
# Синфҳои боло ва поён;
# Синфҳои миёна ва элита;
# Синфҳои олӣ ва истисморгар;
# Синфҳои коргар ва деҳқон;

114.Мафҳуми «конформизм» -ро шарҳ диҳед?
# Мутобиқшавӣ ва қабули пассивонаи тартиботи иҷтимоӣ ва афкори ҳукмрон;
# Созиш намудан ба ноадолатиҳои иҷтимоӣ;
# Муросокорӣ ва паҳрезкорӣ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ;
# Нишон додани мухолифат бо гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ;
# Рақобатнамоӣ ва мубориза барои зинда мондан;

115.Назорати иҷтимоӣ чист?
# Маҷмӯи воситаҳое, ки тавассути онҳо ҷомеа такрористеҳсолнамоии муносибатҳои ҳукмрони сохтори ҷомеа ва тартиботи иҷтимоиро таъмин менамояд;
# Маҷмӯи тарзу воситаҳое, ки тавассути онҳо ҷомеа истеҳсолоти худро ба роҳ мемонад;

# Маҷмӯи воситаҳое, ки тавассути онҳо ҷомеа такрористеҳсолнамоии одамонро ба роҳ мемонад;
# Маҷмӯи воситаҳое, ки тавассути онҳо ҷомеа иқтисоди бозоргонӣ ва корҳои дипломатиро ба роҳ мемонад;
# Маҷмӯи воситаҳое, ки тавассути онҳо давлат шаҳрвандони худро зери ҳимоя мегирад;

116.Умумияти иҷтимоӣ чиро ифода менамояд?
# Маҷмӯи иттиҳодияҳои мухталифи иҷтимоиро ифода менамояд, ки хусусиятҳои ҳаёту фаълият ва тарзи тафаккури ба ҳам монанд ба онҳо хос аст;
# Маҷмӯи одамони соҳибкасбу соҳибмаданият, ки бо хусусиятҳои ҳаёту фаълият ва тарзи тафаккур аз ҳам тафовут доранд;
# Маҷмӯи корхонаю муассисаҳои давлатӣ, ки аз рӯи меъёрҳои мушаххаси иҷтимоӣ фаъолият менамоянд;
# Намояндагони дину мазҳабҳои мухталифи ҷаҳонӣ, субъкултураҳои иҷтимоӣ ва маданиятҳои ҷудогонаи маҳаллӣ, ки бо тарзи тафаккур ба ҳам мувофиқ намеоянд;
# Субъкултураҳои иҷтимоӣ ва маданиятҳои ҷудогонаи маҳаллӣ;

117.Мафҳуми «ҷомеаи постиндустриалӣ (баъдисаноатӣ)» - ро кадоме аз мутафаккирони зерин ба илм ворид намудааст?
# Д. Белл соли 1962;
# Т. Парсонс соли 1999;
# Э. Дюркгейм соли 2000;
# Р. Дарендорф соли 1981;
# Ч. Лоброзо соли 1969;

118.Субъкультура ин:
# Низоми арзишҳо, меъёрҳо, мақсаду маромҳо, тарзи рафтор ва тарзи зиндагии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ки ҳарчанд ба маданияти ҳукумрони ҷомеа алоқаманд ҳам бошад, аммо аз он фарқ менамояд;
# Арзишҳо, меъёрҳо, мақсаду маромҳо маданияти ҳукумрони ҷомеа;
# Низоми фаъолият ва таъиноти гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ки маданияти ҳукумрони ҷомеа алоқамандии зич дорад;
# Низоми мақсаду маромҳо, тарзи рафтор ва тарзи зиндагии оммаи халқ, ки ба маданияти ҳукумрони ҷомеа алоқаманд буда, рафтори одамонро ба танзим медароранд;
# Мақсаду мароми гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳои моддӣ ва маънавӣ равона шудааст ва аз маданияти ҳукумрони ҷомеа ҳеҷ гуна фарқият надоранд;

119.Ҷомеаи анъанавӣ чи гуна навъи ҷомеа аст?
# Ҷомеаи тосаноатӣ, ки дар он хоҷагии кишоварзӣ бартарӣ дорад ва бештар бо воситаи урфу одат ва анъанаҳо идора мешавад;
# Ҷомеаи модернизатсияшуда, ки ба истеҳсолоти саноати такя менамояд ва бо воситаи қонунгузории расмӣ идора мегардад;
# Ҷомеаи ибтидоӣ, ки дар он аъзёни ҷомеа баробар зиндагӣ намуда, бо воситаи урфуодат ва анъанаҳо идора мешавад
# Ҷомеаи баъдисаноатӣ, ки дар он хоҷагии кишоварзӣ бартарӣ надорад ва бештар бо воситаи қонунҳои ҷорӣ идора мешавад;
# Ҷомеаи сармоядорӣ буда, дар он хоҷагии кишоварзӣ бартарӣ дорад ва бештар тавассути дин идора мешавад;

120.Ҷомеаи замонавӣ- ин:
# Ҷомеаи модернизатсияшуда, ки ба истеҳсолоти саноатӣ такя менамояд ва бо воситаи қонунгузории расмӣ идора мегардад;

# Ҷомеаи тосаноатӣ, ки дар он хоҷагии кишоварзӣ бартарӣ дорад ва бештар бо воситаи урфу одат ва анъанаҳо идора мешавад;
# Ҷомеаи баъдисаноатӣ, ки дар он хоҷагии кишоварзӣ бартарӣ надорад ва бештар бо воситаи қонунҳои ҷорӣ идора мешавад;
# Ҷомеаи сармоядорӣ буда, дар он хоҷагии кишоварзӣ бартарӣ дорад ва бештар бо дин идора мешавад;
# Ҷомеаи ибтидоӣ, ки дар он аъзёни ҷомеа баробар зиндагӣ намуда, бо воситаи урфу одат ва анъанаҳо идора мешавад;

121.Элитаи иҷтимоӣ гуфта:
# Табақаи олии низоми иерархии иҷтимоӣ, ки аз болои дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳукмронӣ намуда, ба ҷомеа таъсири назаррас мерасонд;
# Табақаи миёнаи иҷтимоӣ буда, аз болои дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳукмронӣ намуда, ба ҷомеа таъсири харобиовар мерасонд;
# Табақаи қашшоқи ҷомеа маҳсуб мегардад, ҳеҷ гуна мақоми иҷтимоӣ надорад ва ба ҷомеа таъсири назаррасе расонида наметавонад;
# Синфи иҷтимоиро меноманд, ки ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ тобеъ аст, ба ҷомеа таъсири назаррасе расонида наметавонад;
# Гурӯҳи калони иҷтимоӣ, ки аз маҷмӯи шахсони маргинал таркиб ёфтааст;

122.Этносентризм чист?
# Нуқтаи назари гурӯҳи муайян, ки ин гурӯҳ маданияти худро аз беҳтаринҳо шумурда, маданияти дигар гурӯҳҳои иҷтимоиро нодида мегирад;
# Маданияти дигар гурӯҳҳои иҷтимоир нодида мегирад;
# Нуқтаи назари гурӯҳи муайян, ки ин гурӯҳ маданияти худро аз бадтаринҳо шумурда, маданияти дигар гурӯҳҳои иҷтимоиро баланд мебардоранд;
# Маданияти гурӯҳиро тарѓиб менамояд;
# Ба зидди дигар маданиятҳо мебарояд;

123.Хусусиятҳои хоси издиҳоми одамон (толпа) -ро муайян намоед?
#Дар он сохтори муайян, нақшу меъёрҳои рафтор ва таҷрибаи баҳамтаъсиррасонии одамон ба мушоҳида намерасад;
# Дар он сохтори муайян, нақшу меъёрҳои рафтор ва таҷрибаи баҳамтаъсиррасонии одамон ба мушоҳида мерасад;
# Гурӯҳи муташаккили одамон;
# Дар он сохтори муайяни синфи ва табақавӣ хеле айён аст;
# Мақсаду манфиатҳои умумӣ;

124.Шумо зери мафҳуми «издиҳом (толпа)» чиро мефаҳмед?
# Ҳама гуна шакли маҷмӯи одамон, ки барои қонеи манфиатҳои муайяну мушаххас муваққатан ва ба муддати кӯтохе ҷамъ меоянд;
# Маҷмӯи одамон, ки барои қонеи манфиатҳои муайяну мушаххас мунтазам ва доимӣ ҷамъ меоянд;
# Шакли иттиҳоди одамон, ки барои қонеи манфиатҳои муайяну мушаххас муваққатан ва ба муддати дурударозе ҷамъ меоянд;
# Ҳама гуна шакли қонеи манфиатҳои муайяну мушаххаси одамон;
# Қонеи манфиатҳои муайяну мушаххаси одамон;

125.Аз ҷавобҳои зерин назарияиҳои сотсиологии шахсро муайян намоед?
# Назарияи нақшӣ, рафторӣ, «Ойнаги» -и Ман, марксистӣ ва ѓ.;
# Назарияи функсионалӣ – сохторӣ, индивидуализм ва ѓ.;
# Назарияи Фрейдизм, феноменологияи иҷтимоӣ, теология ва ѓ.;
# Назарияи мубодилаи афкор, эвгеника, марксистӣ, фалсафӣ ва ѓ.;

# Назарияи низоӣ, рафторӣ, функсионалистӣ, фарҳангӣ ва ғ.;

126.Шаклҳои маданият?
# Маданияти оммавӣ, субъкултура ва контркултура;
# Маданияти олӣ, миллӣ ва авлодӣ;
# Маданияти хонаводагӣ, маҳаллӣ ва оммавӣ;
# Маданияти синфи миёна, давлатӣ ва оммавӣ;
# Маданияти элитарӣ (олӣ), халқӣ ва оммавӣ;

127.Овоза кадом вакт пайдо мешавад?
# Ҳангоми норасоӣ ва кофӣ набудани иттилоот ё дар мавриде, ки шунавандагон, бинандагон ва хонандагони радио, телевезион ва нашрияҳо ба дурустии иттилооти расмӣ боварӣ надоранд;
# Ҳангоми дар ҷамъият пайдо шудани воҳимачиён ва паст будани сатҳи шуури омма; # Ҳангоми норасоӣ ва кофӣ набудани донишҳои дурустӣ технологӣ ва коммуникатсионӣ;
# Ҳангоми кофӣ будани иттилоот ё дар мавриде, ки шунавандагон, бинандагон ва хонандагони радио, телевезион ва нашрияҳо ба дурустии иттилооти расмӣ пурра боварӣ доранд;
# Ҳангоми норасоӣ ва кофӣ набудани неъматҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа;

128.Унсурҳои маданияти маънавиро номбар намоед?
# Санъат, адабиёт, илм, маориф, дин, идеология ва ғ.;
# Воситаҳои техникӣ ва технологӣ, нашрияҳо, нақлиёт ва ғ.;
# Сотсиология, психология, сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ва иқтисодшиносӣ;
# Биноҳои истиқоматӣ, нақлиёти ҳавоӣ, роҳҳои зеризаминӣ, расму мусаввараҳо;
# Воситаҳои техникӣ ва технологӣ, коммуникатсия, анъанаҳо ва телефонҳои мобилӣ;

129.Ба андешаи кадом мутафаккири Аврупо ҳар як маданият 1000 сол умр мебинад?
# О. Шпенглер;
# Д. Белл;
# Ч. Лоброзо;
# Р. Дарендорф;
# Т. Парсонс;

130.Шакли маргиналӣ чи гуна навъи шахсият аст?
# Шахсе, ки мутааллиқияти субъективии хешро нисбати гурӯҳ ва ё умумияти мушаххаси иҷтимоӣ аз даст додаст ва дигареро ба даст наовардааст;
# Шахси сарватманде, ки мутааллиқияти субъективии хешро нисбати гурӯҳ ва ё умумияти мушаххаси иҷтимоӣ аз даст додаст ва дигареро ба даст наовардааст;
# Шахсе, ки мутааллиқияти субъективии хешро нисбати гурӯҳ ва ё умумияти мушаххаси иҷтимоӣ аз даст додааст;
# Шахси майхора;
# Шахсе, ки мутааллиқияти хешро нисбати гурӯҳ, табақаи иҷтимоӣ ва ё умумияти мушаххаси иҷтимоӣ аз даст додаст ва сарватманд мебошад;

131.Табақабандии иҷтимоӣ чист?
# Низоми нобаробариҳо ва тафриқаҳои иҷтимоӣ, ки дар асосӣ фарқияти мавқею ҳолати иҷтимоӣ ва иҷроиши вазифаҳои иҷтимоӣ ба миён омадаанд;
# Низоми баробариҳо ва тафриқаҳои иҷтимоӣ, ки дар асосӣ фарқияти нерӯмандӣ, ҳушёрию зиракӣ ва овози зебо доштан ба миён омадаанд;
# Низоми синфҳо ва нажодҳои одамон;
# Тафовути мафқею ҳолати иҷтимоии шаҳрвандон, ки ба таври эҳтимолӣ пайдо мешаванд;
# Дар табақаҳо ва гурӯҳҳо муттаҳид шудани синфи мазлуму қашшоқи ҷомеа;

@132.Ресотсиализатсия (иҷтимоишаии такрорӣ) чист?
# Омода намудани фард барои бозгашт ба маданият, мӯҳити қаблӣ ва барқарор намудани робитаҳои иҷтимоӣ;
# Аз нав тарбия намудани шахс ва каҷрафтории иҷтимоӣ;
# Нобудшавӣ ва бегонашавии шахс;
# Офиятбахшӣ ва ба муҳити табии баргардонидани шахс;
# Омода намудани фард барои бозгашт ба дин ва барқарор намудани робитаҳои иҷтимоӣ;

133.Маргиналӣ будан (маргиналност) чи маъно дорад?
# Дур мондан ва бегона гаштан аз ин ё он умумияти иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи ба шароити нав мутобиқ шуда натавонистан ба вуҷуд меояд;
# Қашшоқу нодор, бемору бемадор будан, ки дар натиҷаи бекори сар мезанад;
# Шахси сарватманду доро, ки ба шароити нав мутобиқ шуда тавонистааст;
# Дур мондан ва бегона гаштан аз меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ, ки бо сабаби ҷангҳои доимӣ ва паст рафтани қурби доллар ба вуҷуд меояд;
# Умумияти иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи инқилоби иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд;

134. «Ҳама гуна шаҳрҳо новобаста аз хурду бузург буданашон ба ду қисм: қисме барои сарватмандон ва қисме барои қашшоқон ҷудо мешавад» гуфтаи кадом файласуфи Юнони қадим аст?
# Афлотун;
# Арасту;
# Ситсерон;
# А. Сино;
# А. Форобӣ;

135.Асари маъруфи И. Халдунро, ки дар он падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, номбар намоед?
# Муқаддима;
# Авесто;
# Шифо;
# Утопия;
# Шоҳнома;

136.Аз ташкилотҳои зерин ташкилотҳо ѓайрирасмиро ҷудо намуда, қайд намоед?
# Ташкилотҳои ихтиёрӣ, ташкилотҳои пинҳонии истеҳсолӣ, ҳизбҳои фаъолияташон манъшуда, ташкилотҳои ҷинояткорӣ ва ѓ.;
# Ташкилотҳои истеҳсолӣ, ҳизбҳои фаъол, ташкилотҳои иҷтимоии хусусӣ ва ѓ.;
# Ташкилотҳои тиҷоратӣ, ҳаракатҳои инқилобӣ ва ташкилотҳои динӣ;
# Ташкилотҳои расмии истеъмолӣ, институтҳои фаъолияташон манъшуда, корхонаҳои саноатӣ ва ѓ.;
# Ассотсиатсияҳо, муассисаҳои тиҷоратӣ-таълимӣ, клуби дӯсдорони китоб ва ѓ.;

137.Андешаи «аз норасоиҳои фундаменталии бюрократия олигархия пайдо мешавад» ба кадоме аз ин мутафаккирон тааллуқ дорад?
# М. Вебер;
# В. И. Ленин;
# Э. Дюркгейм;
# М. Диноршоев;
# П. Шозимов;

138.Олигархия чист?

# Ташкилоте, ки аз ҷониби якчанд шахс идора шуда, ҳокимият барои манфиатҳо ва мақсадҳои шахсӣ суистифода мегардад ва дар он «қонунҳои оҳанин» амал менамояд; # Ташкилоте, ки аз ҷониби оммаи халқ идора шуда, ҳокимият барои манфиатҳо умум истифода мегардад ва дар он қонунҳои ҷорӣ амал менамояд;
# Институте, ки талаботҳои маънавии одамонро қонеъ мегардонад;
# Ташкилоте, ки ба таври демократӣ ташкил шуда, ҳокимият барои манфиатҳо ва мақсадҳои шахсони алоҳида суистифода мегардад ва дар он «қонунҳои оҳанин» амал менамояд;
# Ҳукумронии синфи миёна дар ҷомеаи тағйирёбанда;

139.Низоъҳои оилавӣ бо кадом сабабҳо сар мезанад?
# Барои нақши оилавӣ, моликияти оилавӣ ва хиёнати як тараф;
# Барои соҳиб шудан ба фарзандон ва моликияти оилавӣ;
# Барои моликият ва сарват;
# Барои манфиатҳои шахсӣ;
# Барои нақш ва ҳокимияти оилавӣ;

140.Оилаҳо вобаста ба ҳайат ба кадом намудҳо ҷудо мешавад?
# Оилаҳои нуклеарӣ ва васеъ;
# Оилаҳои патриархалӣ ва матриархалӣ;
# Оилаҳои аввалиндараҷа ва дуввуминдараҷа;
# Оилаҳои васеъ ва матрилокалӣ;
# Эндогамия ва экзогамия;

141.«Оила ячейчаи хурди иҷтимоиест, ки аъзоёни он якдигарро аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва психологӣ дастгирӣ менамоянд» - суханони кадом сотсиологи бузург аст?
# Э. Гидденс;
# О. Шпенглер;
# М. Вебер;
# Э. Дюркгейм;
# В. И. Ленин;

142.Оё ҳолатҳое ҷой дорад, ки каҷрафтории иҷтимоӣ боиси пайдоиши оқибатҳои мусбӣ гадад?
# Ҳа;
# Не;
# Қисман;
# То дараҷае;
# Намедонам;

143.Мусоҳиба (интервю) чист?
# Аз рӯи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда бевосита бо респондент сӯҳбат намудан;
# Бо респондент анкета гузаронидан;
# Аз рӯи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда дар телевизион баромад намудан;
# Аз рӯи мушоҳидаҳои пешакӣ бавосита бо респондент сӯҳбат намудан;
# Тартиб додани барномаи тадқиқоти сотсиологӣ ва навиштани ҳисоботи тадқиқотӣ;

144.Марҳилаҳои низои иҷтимоиро аз нишондиҳандаҳои зерин муайян намоед?
# То низоӣ, авҷи низоъ, ҳалли низоъ ва пас аз низоӣ;
# Авҷи низоъ, ҳалли низоъ ва бозгашт ба низоъ;
# Зиддиятҳо, мухолифатҳо ва оғози ҷанг;
# Ҳалли низоъ ва оғози зиддиятҳои нав;
# Баҳс, рақобат, моҷаро ва созишнамоии ҷонибҳои рақиб;

145.Сотсиум ин:
# Алоқаҳо ва робитаҳои муттақобилаи иҷтимоӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва танзими иҷтимоиро фаро мегирад, дар он одамон бонизом амал мекунанд;
# Барқарор намудани мавқеи маҳкумшуда ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа, баргардонидани ӯ ба ҳаёти мустақили меъёрӣ-иҷтимоии мақбули ҷомеа; тағйир додани сифатҳои иҷтимоии маҳкумшуда, пас аз гӯзаштани мӯҳлати ҷазо дар ӯ ташаккул додани рафтори устувору худтанзимсозандаи иҷтимоӣ - меъёрӣ;
# Алоқаҳои наздик доштан бо ҳаёти воқеӣ (тавассути ба роҳ мондани алоқаҳо ва муносибатҳои муфиди иҷтимоӣ);
# Иттиҳоди ҷузъ дар кулл;
